**СУРАТМАҶЛИСИ №113**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**

17-уми марти соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои Шуро 16 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст, иштирок доранд 16 нафар, аз онҳо 5 нафарашон доктороні илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Аз 16 нафар аъзои Шуро 15 нафар ба таври ҳузурӣ ва 1 нафар ба таври маҷозӣ иштирок доранд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи Шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Сангинзода Д.Ш. ва аъзои комиссия Имомзода Н.М., Аминова Ф.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Сидиқов Дилшод Аҳророович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касби «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон».

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавсия карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.
6. Таърихи баргузории ҳимоя 2-юми июни соли 2026, соати 09:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 16 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беэътибор - нест. **Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.